ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 51
КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

## МАВЗУЪҲОИ АСОСӢ:

- **Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ соҳиби ҷоизаи байналмилалӣ гардид**
- **Омодагӣ ба ҷаласаи понздаҳуми Шӯрои машваратӣ**
- **Ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат ва рушди истеҳсолоти миллӣ**
- **Ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва тиҷорати аграрӣ**
- **Идомаи ислоҳот вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта**
- **Тақвияти ҳамкориҳо бо шарикон**

## ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ СОҲИБИ ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ГАРДИД

Тавре қаблан иттилоъ дода будем, рӯзҳои 10-13 марти соли 2015 дар шаҳри Копенгагени Дания ҳамоиши 8-уми байналмилалӣ оид ба муколамаи давлат ва бахши хусусӣ доир гардид.

Ҳамоиши мазкур бо ибтикори Бонки Ҷаҳонӣ дар ҳамкорӣ бо Конфедератсияи Дания оид ба саноат ва дигар созмонҳои байналмилалӣ баргузор гардида, дар он зиёда аз 300 нафар намояндагони бахшҳои давлативу хусусӣ, аз ҷумла ширкатҳои бузурги саноатӣ ва шарикони рушд аз 54 мамлакати олам иштирок намуданд.

Дар чорабинӣ бо сухани ифтитоҳӣ шоҳбонуи Дания хонум Мари баромад намуда, вобаста ба аҳамияти муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар рушди иқтисодии мамлакат ибрози назар намуд.

Инчунин дар чорабинӣ намояндагони як қатор сохторҳои муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ, корхонаҳои бузурги саноатӣ, созмонҳои соҳибкорӣ, ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Намояндагони кишварҳои иштирокчӣ оид ба фаъолияти сохтори муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ва аҳамияти он ҷиҳати рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва дар маҷмуъ рушди иқтисодиёти мамлакатҳои худ муаррифномаҳо пешниҳод намуданд.

Дар кори форум, аз ҷумла корҳои анҷомдодашуда дар самти таҳкими муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ карда шуд.

Қобили тазаккур аст, ки бо эътирофи ислоҳоти аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доиргардида, дар байни сохторҳои муколамаи давлат ва бахши хусусии мамлакатҳои иштирокчӣ - Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳамчун сохтори беҳтарини муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар арсаи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, бо ҷоизаи байналмилалии «Ҳовард» (Howard)-и Бонки Ҷаҳонӣ ва Конфедератсияи Дания оид ба саноат сарфароз гардонида шуд.

Қобили зикр аст, ки соли гузашта дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ислоҳот дар самтҳои беҳсозии фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои сайёҳӣ, суғурта, рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар арзёбиҳои байналмилалӣ, ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон, ба тасвиб

расонидани Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани таъйиди ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ, мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорону сармоягузорон, нахустин Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе – 2014 таҳти унвони «Соҳибкорӣ – муҳаррики иқтисодиёт» ва дигар чорабиниҳо дар самти беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ гузаронида шуданд.

## ОМОДАГӢ БА ҶАЛАСАИ ПОНЗДАҲУМИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

Ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ тибқи Нақшаи чорабиниҳои таҳиянамудаи Котиботи Шӯрои машваратӣ корҳои омодагӣ идома доранд. Аз ҷониби мутахассисони Котиботи Шӯро маводҳои ҷаласаи навбатӣ дар сатҳи баланди таҳлилӣ омода карда шуданд.

Инчунин бо мақсади фаро гирифтани масъалаҳои мубрами марбут ба самти фаъолият дар доираи омодагӣ ба ҷаласаи оянда Шӯро ва баррасии масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласа, то имрӯз бо як қатор намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд мулоқот ва суҳбатҳо гузаронида шуда, ҳамзамон ташкил ва баргузор намудани вохӯриҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар назар аст, ки ҷаласаиояндаи Шӯро нимаи дуюми моҳи майи соли ҷорӣ гузаронида шавад.

## ИСЛОҲОТ ДАР САМТИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ СОҲИБКОРИЮ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШҲОИ САНОАТ ВА РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ МИЛЛӢ

Бо мақсади дастгирии бахши саноат, аз ҷумла гузаронидани ислоҳот ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат ва бартараф намудани мушкилоти мавҷудаи он тибқи супориши протоколии ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 31.05.2014 ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав супориш дода шудааст, ки якҷо бо вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саридораи геология ва дигар вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ таҳлили ҳамаҷониба гузаронанд ва натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои оянда Шӯро пешниҳод намоянд.

Ҷиҳати иҷрои супориши мазкур гурӯҳи кории байниидоравӣ дар назди Вазорати саноат ва технологияҳои нав таъсис дода шуда, то имрӯз якчанд ҷаласаҳои худро баргузор намудааст.

Котиботи Шӯро якҷо бо аъзои гурӯҳи корӣ дар бахшҳои гуногуни саноат, аз ҷумла саноати сабук, истихроҷи маъдан, хӯрокворӣ ва истеҳсоли маснуоти сохтмонӣ таҳлили ҳамаҷониба гузаронида, натиҷаи онро ба ҷаласаи 15-уми Шӯрои машваратӣ, ки қарор аст моҳи майи соли равон баргузор гардад, пешниҳод менамоянд. Ҳамчунин гурӯҳи корӣ ба ҷаласаи навбатии Шӯро Ҳисобот ва лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии дастгирии истеҳсолӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ манзур менамояд.

## ИСЛОҲОТ ДАР САМТИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШИ КИШОВАРЗӢ ВА ТИҶОРАТИ АГРАРӢ

Тибқи супориши протоколии ҷаласаи XIV Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва тиҷорати аграрӣ таъсис дода шуд ва нахустин ҷаласаи он дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа аъзои гуруҳи корӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор иштирок намуданд.

Зимни ифтитоҳи ҷаласа Роҳбари гурӯҳи корӣ, Муовини якуми вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳотамов Д. таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти кишварро ба рушди соҳаи кишоварзӣ қайд карда, барои дастгирии бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ин соҳаи барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ муҳим, ҳамчунин иқдоми Сарвари давлат ҷиҳати баррасии масъалаҳои марбут ба соҳаи кишоварзӣ дар ҷаласаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ изҳори сипос намуд.

Ҳамзамон, Ҳотамов Д. оид ба самтҳои асосии фаъолияти гурӯҳи корӣ, зарурати баррасии масъалаҳо ва таҳлили ҳамаҷонибаи соҳа бо мақсади фарогирии ҳамаи ҷанбаҳои он ибрози назар карда, изҳори итминон намуд, ки гурӯҳи корӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ бо таҳия намудани таҳлилҳои амиқ ва тавсияҳои муфид дар ин самт саҳми муносиб хоҳад дошт.

Дар ҷаласа инчунин оид ба ҳамоҳанг намудани масъалаҳои баррасишаванда, раванди таҳияи тавсияҳо ва фаъолияти минбаъдаи гуруҳи корӣ табодули назар сурат гирифт.

Тибқи нақшаи фаъолияти гурӯҳи корӣ маводҳои ҷамъбастӣ ба ҷаласаи 16-уми Шӯро пешниҳод карда мешаванд.

## ИДОМАИ ИСЛОҲОТ ВОБАСТА БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШИ СУҒУРТА

Қобили қайд аст, ки тибқи қарори ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №788 тасдиқ гардид.

Мақсади асосии татбиқи Нақшаи чорабиниҳо фароҳам овардани муҳити рақобатнок дар бозори суғурта, рушди бозори хизматрасониҳои

суғуртавӣ, баланд бардоштани дараҷаи самаранокии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ, мукаммалгардони қонунгузории танзимкунандаи соҳавӣ, пешрафти муносибатҳои тарафайни бозорҳои суғуртаи миллӣ ва байналхалқӣ, таъмини устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ мебошад, ки дар навбати худ ба истифодаи бахши суғурта ҳамчун сарчашмаи доимии дохилӣ ва нисбатан боэътимоди сармоягузориҳо ба иқтисодиёти мамлакат мусоидат менамояд.

Бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта аз 31 декабри соли 2014, №788 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар таҳрири нав аз ҷониби гурӯҳи кории байниидоравии назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда шуд. Лоиҳаи қонуни мазкур бо назардошти тавсияҳои Ҳисоботи гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта ва таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои ҷаҳон таҳия карда шудааст.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур ва татбиқи Нақшаи чорабиниҳо ба мунтазам зиёд шудани саҳми бозори суғурта дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявӣ, баланд шудани сатҳи ҳифзи суғуртавии субъектҳои соҳибкорию шаҳрвандони мамлакат, бархурдор шудан аз иқтидори азими иқтисодии бахши суғурта баҳри рушди устувори иқтисодиёти миллӣмусоидат хоҳад кард.

## ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲО БО ШАРИКОН

**Рӯзи 3 марти соли 2015** дар дафтари кории Котиботи Шӯрои машваратӣ мулоқоти Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣН. Абдуҷаборов Бомасъули бахши иқтисодии Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба тиҷорат ва рушд - Калмон Калотай баргузор гардид.

Дар мулоқот масъалаҳои вобаста ба раванди ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ, фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ва дигар масъалаҳо табодули афкор сурат гирифт.
Аз ҷумла, роҳбари Котиботи Шӯро оид ба раванди татбиқи ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ва дастовардҳо дар ин самт ибрози назар намуд.
Ҷаноби Калмон Калотай иброз дошт, ки раванди омода кардани гузориш оид ба таҳлили сиёсати сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, он то соли 2016 идома меёбад.

**Рӯзи 14 апрели соли 2015** дар дафтари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Роҳбари Котибот Н. Абдуҷаборов бо коршиносон ва таҳлилгарони ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки ҷаҳонӣ мулоқот намуд.

Дар рафти мулоқот Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ вобаста ба ислоҳоти дар соли 2014 дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ татбиқшуда, аз ҷумла дар самти беҳтар намудани мавқеи Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти қувваи барқ, таъмини иҷроиши қарордод, савдои байналмилалӣ, баќайдгирии соҳибкорӣ ба иштирокчиён маълумоти муфассал манзур намуд.

Инчунин ба иштирокчиён вобаста ба масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм ва суғурта, рушди такрории бозори қоғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ, шомилшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани таъйидиҳуҷҷатҳои расмии хориљӣ, ташкили гурӯҳҳои корӣ дар самтҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши саноат,дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ, кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ (агробизнес), маълумоти муфассал пешниҳод намуд.

Инчунин аз ҷониби Роҳбари Котибот пешниҳод шуд, ки ислоҳоти гузаронидашуда дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" пурра ба инобат гирифта шавад.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориН. Абдуҷаборов дар Мизи мудаввар, ки **20 апрели соли ҷорӣ** бо иштироки доираҳои тиҷоратии аъзои Ассосиатсияи соҳибкорону сармоягузорони Тоҷикистону Туркия дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуд. Қобили зикр аст, ки дар чорабинӣ ширкатҳои бузургу миёнаи Туркия дар соҳаҳои сохтмон, истеҳсол ва тиҷорат, аз ҷониби Тоҷикистон намояндагони маъмурияти МОИ «Данғара» ва «Панҷ» иштирок намуданд.

Дар баромади Роҳбари Котиботи Шӯро ва намояндагони маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба сармоягузорони Туркия оид ба ислоҳоти аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷалби сармоя ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва имкониятҳои МОИ маълумот пешниҳод карда шуд.

Сармоягузорони Туркия пас аз дарёфти иттилооти зарурӣ ва муфид, бахусус оид ба ислоҳотҳои дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда ва изҳори қаноатмандӣ аз ин раванд, инчунин маълумотҳои оид ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешниҳодгардида иброз доштанд, ки имкониятҳои МОИ «Данғара» ва «Панҷ»-ро омӯхта, барои сохтмони иншоот дар ин минтақаҳо тасмим хоҳанд гирифт.

**Рӯзи 21 апрели соли 2015** дар дафтари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мулоқоти Роҳбари Котибот - Н. Абдуҷаборов бо намояндагони Лоиҳаи "Баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ"-и Бонки ҷаҳонӣ - Арис Молфетас ва Ҳироюки Тсузаки баргузор шуд.

Дар рафти мулоқот масъалаҳои татбиқи босамари бахшҳои Лоиҳаи мазкур ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки ҷаҳонӣ ибрози назар намуданд.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ба меҳмонон иттилоъ дод, ки татбиқи ҳарчӣ зудтари бахшҳо, аз ҷумла дар самти мукаммал намудани низоми «Равзанаи ягона» барои бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, таъсиси низоми «Равзаняи ягона» барои дастрас намудани иҷозати оғози корҳои сохтмонӣ ва ташкили Феҳристи гарави амволи манқул барои боз ҳам беҳтар шудани нишондиҳандаи ҷумҳурӣ дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки ҷаҳонӣ таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

Дар анҷоми мулоқот ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориҳоро барои татбиқи босамари Лоиҳа идома хоҳанд дод.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Нумон Абдуҷаборов – Роҳбари Котибот***
***Манучеҳра Мадҷонова – мушовири калони иқтисодӣ***
***Дилшод Одинаев – мушовири иқтисодӣ***
***Абдурауф Ҷураев – мушовири иқтисодӣ***
***Сафарбӣ Файзова – ёвари маъмурӣ***